Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт вазъияти сиёсии як қатор кишварҳои ҷаҳон фъолияти иқтисодии тамоми давлатҳои дунёро халалдор кардааст. Чунин тамоюл дар солҳои баъдӣ низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро осебпазир гардонид, ки дар натиҷа як қатор мушкилотҳоро ба миён овард. Аз таҷрибаи давлатҳои хориҷа бар меояд, ки дар сатҳи низоми бонкӣ ягона бонкҳое, ки кам зарар дидаанд ин бонкҳои исломӣ мебошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз оне, ки бонкдории исломӣ на он қадар рушд кардаанд фаъолияти ҶСК “Тавҳидбонк” дар сатҳи мусбат арзёбӣ гардидааст, ки натиҷаҳои таҳлили он дар автореферати мазкур пешниҳод гардидаанд. Ҳамчунин қайд кардан зарур аст, ки муаллиф дар мақолаи мазкур натиҷаҳои асосӣ ва баҳодиҳии фаъолияти бонкдории исломиро мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор додааст. Ҳамзамон исбот шудааст, ки фаъолияти бонкдории исломӣ дар сурати баланд будани хавфҳо рақобатпазир буда, онҳо метавонанд дар сурати баланд будани сатҳи хавфҳо кам зарар бинанд. Ҳамчунин дар таҳқиқоти мазкур як қатор индикаторҳои баҳодиҳии сатҳи хавфҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки онҳо ба мақсад мувофиқ мебошанд.

Дар автореферат дуруст қайд гардидааст, ки дастрас набудани захираҳои қарзӣ барои қисми назарраси субъектҳои хоҷагидорӣ ва хусусияти манфиатҷӯёнаи муносибатҳои қарзӣ метавонад боиси дуршавии бахши бонкӣ аз соҳаҳои воқеии иқтисодиёт гардад. Ба андешаи мо, ин ҳолат боиси он мегардад, ки мавҷи нави буҳронҳоро дар иқтисоди миллӣ ба вуҷуд оранд. Ҳамин тариқ, пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои босифати бонкӣ дар миқёси ҷаҳон, аз ҷумла дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеияти объективӣ буда, мусоидаткунандаи рушди он мебошад. Ҳамаи ин афзалиятҳоро унвонҷӯ дар автореферати худ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Ҳамчунин илова бар ин пешравиҳо дар

таҳқиқоти унвонҷӯ беҳтар мегардид, ки агар ба масъалаи зерин аҳамият медод:

Сарфи назар аз дастовардҳои назарраси илмӣ, аз автореферати диссертатсияи тақризшаванда фаҳмида намешавад, ки сабабҳои бисёр ба оҳистагӣ рушд кардани бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ бошад. Чунки таҷрибаи кишварҳои пешрафта, масалан, Британияи Кабир нишон медиҳад, ки дар он ҷо дар як муддати кӯтоҳ бонкдории исломӣ ташаккул ёфта, ба зудӣ як қисмати назарраси бозори хизматрасониҳои бонкиро аз худ кардааст.

Аз рӯи натиҷаҳои ба дастовардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки автореферати диссертатсияи Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Декани факултети
менеҷмент ва маркетинги байналмилалии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
н.и.и.и.в., дотсент Раҳимзода М.И.

Дурустии имзои Раҳимзода М.И –ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТТ Бухориев Н.А.

**Суроға.** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Н Қарабоев 63/3, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Телефон: + 992 (37)234-79-87. Факс: + 992 (37) 234-79-88. Сомона: www.tut. tj